# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шўрои диссертатсионии 6D.КОА-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Розиев Дилшод Астанақулович дар мавзўи «Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзоди илми иқтисодӣ аз рўйи ихтисоси 08.00.12 - ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод шудааст**.

1. Мавзўи таҳқиқоти диссертатсионии Розиев Дилшод Астанақулович дар мавзўи «Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» муҳим ва актуали буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида диниста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷў ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методӣ ва равандҳои асосии баҳисобгирии идоракунии хароҷоти корхонаҳои саноатии бофандагиро дар бар гирифтааст. Таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии арзиши аслӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои асосии ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ оид ба муносибгардонии хароҷоти истеҳсол, интиқол ва фурўши маҳсулоти саноати бофандагӣ, такмили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар бахши саноати бофандагӣ мустақилона аз ҷониби муаллиф гузаронида шуда, мазмуни пурраи таҳқиқоти илмиро форогир мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10 ва 11 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст. Дар таҳқиқоти илмӣ натиҷаҳои баланди аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ, ки маҷмуи онҳо дар пешрафти иқтисодиёт ва беҳтар намудани сифати истеҳсолу хизматрасонӣ оид ба ин соҳаи ҳаётан муҳим равона гардидааст ва он дорои моҳияти баланд мебошад, пешниҳод гардидаанд. Таҳқиқоти илмӣ фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои пешрафти иқтисоди миллӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ

мегардад.

3. Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.12 - Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор, ки вобаста аз он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 – уми апрели соли 2017, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти №1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 5,2 ҷ.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Розиев Д.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Розиев Д.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи аспирант чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Розиев Дилшод Астанақулович дар мавзӯи «Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзоди илми иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор ба Шӯрои диссертасионии 6D.КОА-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ

муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин тайин карда шаванд:

- **Шарифов Зариф Раҳмонович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;

- **Абдураҳимов Абдуғаффор Абдувоситович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

- Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат тайин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ **Калемуллоев М.В.**
**Аъзоёни комиссия:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ **Мирзоалиев А.А.**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Ҳайдаров А.Ҷ.**